**Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**Бо Фармоиши Агентии омории назди**
**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**аз 21.10.2011с. № 36 соли 2011**
**тасдиқ карда шудааст.**

# Дастурамал
# Оиди баҳисобгирии хизматҳои пулакӣ ба аҳолӣ ва хизматҳои маишӣ ва аҳолӣ

Хизматҳои пулакӣ ба аҳолӣ натиҷаи фаъолияти корҳонаҳо ва ташкилотҳои ҳамагуна шакли моликият ва шаклҳои ташкилию хукуқӣ мебошад, ки барои қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти шахсии аҳолӣ аз рӯи фармоишоти онҳо пешбинӣ шудаанд.

Объектҳои баҳисобгирӣ (мушоҳида) корҳона ва ташкилотҳо мебошанд, ки барои хизматрасонии аҳолӣ махсус гардонида шудаанд (масалан, корҳонаҳои маишӣ, корҳонаҳои фарҳангӣ, табобатию беҳдоштӣ – саломатӣ, ҳуқуқӣ ва ғайраҳо), инчунин корҳонаҳо ва ташкилотҳое мебошанд, ки фаъолияташон барои хизматрасонӣ асосӣ намебошад (масалан, корҳона ва ташкилотҳои саноатӣ ва кишоварзӣ ва ғайраҳо).

Ғайр аз ин ба ҳаҷми хизматҳои пулакӣ ҳамчунин хизматҳои ашхоси хусусӣ-шахсӣ, ки ба фаъолияти инфиродии соҳибкорӣ машғуланду ба аҳолӣ хизмат мерасонад, дохил карда мешаванд. Ҳаҷми ин хизматҳо бо таври аз маишӣ-санҷишӣ дар асосӣ мушоҳидаҳои интихобӣ ё истифодаи ҳисобу китоби маълумотҳои оморii андоз, омори буҷети хонаводаҳо муайян карда мешавад. Ҳаҷми умумии хизматҳои пулакӣ дар худ маблағӣ пардохтҳое, ки корҳонаҳо аз аҳолӣ барои хизматрасонӣ чӣ бевосита ба хазинаи корҳона, чӣ ба воситаи муассисахои бонкӣ, аз ҷумла андоз аз арзиши изофа, андози махсус, аксизҳо ва ғайраҳо мегиранд, ифода менамояд.

Пардохтҳои иловагӣ, ки аз ҳисоби маблағҳои мақомоти ҳифзи ичтимоӣ, давлатӣ ё буҷетӣ маҳаллӣ , корҳонаҳо анчом дода мешаванд., ба ҳаҷми хизматҳои пулакӣ барои аҳолӣ дохил карда намешаванд. Зимнок, арзиши хизматҳое, ки аз ҳисоби маблағҳои корҳонаҳо ба кормандон дода мешаванду ба фонди музди кор ҳисоб карда мешаванд, ҳамчун хусусияти пардохтҳои ичтимоӣ (хизматҳои имтиёзнок ё ройгони манзилию-коммуналӣ, имтиёзҳои оид ба рафту омади наклиёт, дарёфт кардани сафархат, хизматрасонии тиббӣ ва ғайраҳо), инъикос карда мешаванд. Ба таркиби хизматҳои пулакӣ ҳамчунин хизматҳое ба ҳисоб гирифта мешаванд, ки асосан хусусияти маишӣ доранду аз рӯи фармоишоти ташкилоту муассисаҳои муоличавӣ – пешгирии касалиҳо,

ичтимоию маишӣ ва баъзе дигар ташкилоту муассисаҳое, ки дар банди 1,2,4 ҳамин Дастурамал пешбинӣ шудаанд.

Ба ҳисобгирии хизматҳои пулакӣ ба таври ҷиддӣ ва қатъи дар давраи ҳисобот, дар лаҳзаи пешниҳоди онҳо, ки маълуман ба пардохти ҳаққи фармоиш мувофиқан мекунанд, ба амал бароварда мешавад. Ба арзиши хизмат фоизҳо, ҷаримаҳо, ки ба сабаби напардохтан ё сари вақт напардохтани ҳаққи хизматҳои пешниҳодшуда ситонда мешаванд, набояд ҳамроҳ карда шаванд.

**Мулоҳизот-эзоҳот** . Мувофиқи методология низоми Ҳисобҳои миллӣ (НҲМ) хизматҳо дар лаҳзаи пешниҳоди онҳо, яъне, ба андозаи маблағи ҳақиқии гирифташуда ҳисоб карда мешаванд, ин маълумотҳо барои истифодаи низоми ҳисобҳои миллӣ (НҲМ) барои маблағи тағиёроти қарздорӣ дар давраи ҳисоботҳо тасҳеҳ кардан зарур аст. (дар намуди қасри одди сурат, ки амалан хизмат расонида шудааст сабт карда шавад, махраҷ бошад, ҳамаи хизмати пешниҳодшударо нишон медиҳад).

**Замимаи 1**

**Ба Дастурамал оид ба ҳисобгирии хизматҳои пулакӣ ба аҳолӣ**

**Номнависи намунавӣ**

**Хизматҳои маишӣ, ки дар сатри «Ҳаргуна намудҳои хизмат»-и ҳисобот дар шакли №1-маишӣ нишон дода шаванд.**

**Истеҳсолӣ**

Тайёр намуда, таъмир ва таҷдиди маснуот, маснуоти бофандагии бадеӣ.

Таъмир ва тайёр намудани сумкаҳо, портфелҳо, папкаҳо, маснуоти рахти сафар ва лифофаҳо, аз он ҷумла тайёр намудани суроғаҳо барои папкаҳои чармин, чарми сунъи, маводҳои нассоҷӣ ва ғайраҳо.

Таъмир ва тайёр намудани дастпӯшакҳо аз чарми сунъӣ ва натуралӣ (асл).

Таъмир ва тайёр намудани тасмаҳо, камарбандҳо ва чарчинвориҳои хурд-хурд.

Рангмолӣ кардани болопӯш (палто) ва маснуоти чармин

Таъмири чатрҳо

Таъмири айнакҳо

Таъмири соатҳо

Тайёр намудан, ҷо ба ҷо гузоштан, таъмир ва таҷдиди ананаҳо.

Тайёр намудан шишаҳои болои миз ва мебелҳо.

Тайёр намудан ва таъмири чорчубаҳои болетӣ

Тайёр намудан, таъмир ва таҷдиди маснуоти бадеии чӯбин, устухонӣ, сангин, пластмасса, филиз ва сафол.

Тайёр намудан, таъмир ва таҷдидӣ қолинҳо ва маснуоти қолин.

Сиреш кардани маснуоти чинӣ ва хомчинӣ, маснуоти пластмассӣ, устухонӣ ва дигар маводҳо.

Арра кардани ҳезумвор, шикастан ва тахт кардани ҳезум.

Чоп намудани кортҳои ташрифотӣ ва чиптаҳои даъватномаҳо барои тую тантанаҳои оилавӣ.

Муқовабандӣ, корҳои китобчасозӣ ва ҳошиязанӣ.

Тайёр кардан ва таъмири лифофаҳо, асбобу анҷоми варзишӣ ва ғайраҳо.

**Ғайриистеҳсолӣ**

Ҳифзу нигохбонии ашёҳои шахсӣ дар хонаҳои боғочнигоҳдорӣ ва дар канори баҳрҳо, дарёҳо ё ҳавзҳои оббозӣ, истгоҳҳои завраҷу дар ҷойҳои истироҳати ва ғайраҳо (ғайр аз бағочхонаҳои вакзалҳои роҳи оҳан, фурудгоҳҳо, бандарҳои баҳрӣ ва дарёҳо).

Ҳифзу нигоҳбонии ашёҳои шахсии аҳолӣ дар гаравхонаҳо, аз он ҷумла ҳангоми супурдани онҳо ба гарав дар зери қарз.

Бастабандии ашёҳои хона.

Харидан, бурда (овардан) ва супурдани тӯҳфаҳо, гулҳо, чиптаҳо барои театрҳо, кино ва дигар чорабиниҳои тамошо (бе арзиши онҳо).

Рӯбу чини ҳуҷраҳо.

Шушта ва пок кардани шишаҳо, пайвандҳои тирезаҳо ва ширеш кардани онҳо.

Васл кардану ба истифода додани қандилҳо ва дигар дастгоҳҳо барқии рӯшноидиҳанда, васл кардану ба истифода додани либосовезакҳо васлкории пардаҳо, расмҳо ва ғайраҳо.

Бар кашидан дар тарозӯи тиббӣ.

Нигоҳу бини кӯдакон ва беморон.

Корҳои сабти маишӣ ва стенографӣ

Хизматҳои барои кавшергарӣ

Қабул ва ширеш кардани эълонҳо дар бораи ҷои кор, мубодилаи манзилу квартираҳо, хариду фурӯши амволи шахсӣ, хизматрасонӣ, абоненткунонии телефонҳои хонагӣ барои гирифтани ҳаргуна маълумотҳо.

Таъмини иттилооти рӯзномавию маҷаллаҳо оид ба мавзӯъҳои ҷолиб.

Хизматрасонӣ ба аҳолӣ оид ба пур кардани варақаҳо, навиштани аризаю дархостҳо, маълумотнома ва тасдиқномаҳо ва ғайраҳо.

Таълим додани аҳолӣ оид ба буридану дӯхтани либосҳо, бофтани маснуоти кашбофӣ, суратгирии ва ғайраҳо.

**Замимаи 2**

# **Номнависӣ**

муассисаҳои муоличавию пешгирӣ кардани касалиҳо ва солимгардонӣ, ташкилотҳои ичтимоию маишӣ, хизматҳои барои онҳе, ки ба нишондихандаҳои «Ҳачми амалӣ намудани хизматҳои маишӣ» дохил карда мешаванд.

Муассисаҳои бемористонҳо
Муассисаҳои навъи махсуси муоличавию пешгирии касалиҳо диспансерҳо
Муассисаҳои ҳифзи модарону кӯдакон
Муассисаҳои санаторию истирохатӣ
Муассисаҳои солимгардонӣ ва истироҳатӣ
Хона-интернатҳо барои пиронсолон ва маъюбон
Муассисаҳои тарбияи томактабӣ
Муассисаҳои барои тарбияи кӯдаконӣ бепарастору беволидайн.

Чадвали рамзҳои намудҳои фаъолияти иқтисодӣ
(Таснифоти умумии намудҳои фаъолияти иқтисодӣ)
Номи фаъолиятҳо дар бахши хизматрасонӣ).

Мусофиркашонӣ
Таъмир ва рангмолии пойафзол
Таъмири соатҳо, маснуоти заргарӣ
Тарабхона, қаҳвахонаҳо
Хадамоти таъминот
Агентии ғайриманқул
Кирояи дигар намудҳои нақлиёт
Кирояи аудио ва касетаҳои видио (СД)
Маслиҳатчӣ оид ба бизнес ва менечетменӣ
Фаъолияти муҳосибавӣ
Хизматҳои кишоварзӣ
Ба кор таъмин намудан
Реклама
Суратгирӣ
Тарчума ва котибот
Мусиқинавоз
Раққоса
Канализатсия ва бурда партофтани партовҳо
Мактаби ронандагӣ

Хизматҳои сайёҳӣ
Хушкашӯи кимиёвии либосҳо ва рангдодани либосҳо
Боркашонӣ
Таъмири асбобу анҷоми маишӣ
Меҳмонхонаҳо
Бар
Кирояи ашёи шахсӣ
Кирояи автомобил
Кирояи механизмҳо ва дастгоҳу таҷҳизот
Маслиҳатчӣ оид ба масъалаҳои барқӣ ва механикӣ
Маслиҳатчӣ оид ба таъминоти барномавӣ
Тадқиқоти бозор
Тафтиши техникӣ
Хизматҳои истгоҳҳо
Рубу чин ва тоза кардани корхонаҳои саноатӣ
Бастабандӣ
Хизматҳои тиббӣ
Сароянда
Духтури ҳайвонот
Хизматҳои операторӣ ;
- алоқа
- видиокамера
Муаллими хонагӣ
Кошонаи ҳусн
Интернет-қаҳвахона

**Баҳисобгирии хизматҳои маишӣ ба аҳолӣ**

1. **<u>Баҳисобгирии хизматҳои маишӣ</u>**

1.1.Ба ҳаҷми хизматҳои маишӣ арзиши ҳамаи иҷрои фармоишоти инфиродии шаҳрвандон ба таври намудҳои хизматҳои зерин дохил карда мешаванд:

Дар сатри –**<u>Таъмир, рангмолӣ ва дӯхтани пойафзол</u>**

(аз ҷумла дӯхтани пойафзоли фаръи ((ордопедӣ), пойафзол, намоиши намунаҳои (моделҳои) пойафзол, маслиҳату машварати рассом-моделёр) арзиши таъмири ҳамагуна навъҳои пойафзол (чармин, аз чарми омехта (ивазшаванда), резинӣ, намадӣ ва ғайраҳо), аз нав дӯхтан, инчунин тозакорӣ ва рангмолии пойафзол ба ҳисоб гирифта мешавад.

Ба сатри таъмир ва дӯхтани пойафзол ҳамчунин арзиши ба таври иловагӣ тайёр намудани патакҳои гигиенӣ, чармин ва муина, кафакиҳои нарм, патакҳо ва нимпатакҳои махсус барои ашхосе, ки пояшон маибу каҷ аст, харгуна нақшу нигор ва ороиши таъмиршаванда ва пойафзоли дӯхташаванда (бандакҳо, гулубанддӯзии камарбандҳо) ресмонҳои гулдузӣ, тугмашинонӣ ва ғайраҳо), инчунин арзиши сумкаҳои махсус ва лифофаҳо (чехолҳо) барои нигоҳдории пойафзолҳо; астарҳои пойафзол барои таъмин намудани мустаҳкамии пойафзол ва муҳофизату нигоҳдории пойафзол, муваққтан барои мавсими дахлдор нигоҳ доштани пойафзол ҳамроҳ ва ҳисоб карда мешавад.

**<u>Дар сатри – Таъмир, дӯхтани маснуоти муина, чармин, каллапӯшҳо, маснуоти чарчинвории нассоҷӣ, таъмир, дӯхтан ва бофтани маснуоти насоҷӣ.</u>**

(аз ҷумла тайёр намудани маснуоти чарчинвории нассоҷӣ, каллапӯшҳо, тайёр намудани маснуоти тӯҳфабоб, намоишу нишон додани мудҳо, маслиҳату машварати рассомон ва моделёрҳо) арзиши таъмир ва дӯхтани ҳамагуна намудҳои либосҳо – (аз ҷумла маснуоти бахиядӯзӣ, палтои занони остинвасеъ, шубаҳо, (палтои муина), камзулчаҳо, гиребонҳои муина ва ғайраҳо), палтои чармин, камзулҳои чармин ва маснуоти чарчинвории нассоҷӣ (дастпӯшакҳо камарбандҳова дигар ашёи занонаи поккорӣ), пардаҳои дару тиразеҳо, лифофаҳо, (чихолҳо) барои мебелу мошинҳои сабукрав, гиребонҳои чиндор ва маснуоти раҳдор, либосҳои зерпироҳани занона ва мардона, рӯиҷой рахти хоб ва ошхонаҳо ва каллапӯшҳо (аз ҷумла кулоҳои тунуки нафис, арзиши аз нав дӯхтану аз наврӯгардонкунии либосҳо бо аз нав буридан ва бе буридан, нав кардани либосҳо бо арзиши маводҳои ороишдиҳанда (ғайр аз арзишимунпаи асл (натурали), инчунин арзиши тайёр намудани маснуоти аз муина, ки собиқ истифода шудааст, ба ҳисоб гирифта мешавад.

Ба сатри- **Таъмир ва тайёр кардани маснуоти филизӣ**
таъмир ва тайёр кардани маснуоти филизӣ, тайёр намудан ва таъмири маснуоти филизӣ (катҳо, примусҳо, Кулфҳо, чарчинвориҳои филизӣ ва ғайраҳо), асбобу анҷоми хона ва хоҷагӣ, маснуоти заргарӣ, корҳои кандакорӣ, хаскокӣ дар филизот.

Ба сатри – **Тайёр намудан ва таъмири мебелҳо**
(аз ҷумла, маҷмӯъ сохтан мебел дар хонаи фармоишгар, к ибо қисмҳои ҷудо-ҷудо харидааст), корҳои оид ба тайёр намудан ва ҷо ба ҷо кардани мебелм тайёр аз рӯи фармоиши инфиродӣ, арзиши тайёр намудани мебели нав, инчунин дӯхтани матрасҳо (кӯрпачаҳо); арзиши таъмири ҳамагуна мебелҳо, аз ҷумла таъмири матарсҳо (кӯрпачаҳо) хамроҳ карда мешаванд.

Ба сатри – **Хушкашӯии кимиёвӣ ва рангдиҳӣ** арзиши хизмати хушкашӯии кимиёвӣ ва рангдиҳии маснуоти дӯхта ва кашфбофӣ, қолину гилемҳо, муинаҳо, каллапӯшҳо, калобаҳо, маснуоти тибиту пардор ва дигарҳо, инчунин оид ба аз нав бо таркибхои мухталиф обдиҳӣ ҳамроҳ карда мешавад.

Ба сатри – **Хизматҳои ҷомашӯӣ** ( аз ҷумла хизматҳои вобаста ба таъмири хурд ва афзоиши ашё ва либосҳои арӯсӣ, дорупоши (дезинфектсия)-и либосу рӯиҷо) арзиши хизмат оид ба шӯстушӯи рӯйҷо, ки пурра ё қисман тавассути дастгоҳи шӯстушӯи механикӣ, аз ҷумла худхизматрасонии ҷомашӯи ҳисоб карда мешавад.

Ба сатри – **таъмир ва сохтмони манзил (квартираҳо) ва дигар корҳои бинокорӣ** арзиши хизмат ва корҳо оид ба таъмири квартирахо (хонаҳо) ва сохтмони хонаҳо, хонаҳои бӯстонсаро, гаранҳои инфиродӣ ва дигар биною иморатҳо, навсозии хонаҳои чӯбину дастакдор (болордор) ва деворҳои чӯбин, парчакорӣ ва маҷмӯъсозии хонаҳо дар ҷои нав, сохтмону маҷмӯъсозии хонаҳои стандартӣ ва дигар биною иморатҳо, тайёр намудани деворҳои чӯбин, оид ба ободонии фонди манзил (симгузаронӣ ва таъмири шабакаҳои барқӣ, қубурҳои об, канализатсия, оби гарм ва аз ҷойгузини намудани дастгоҳу таҷҳизоту дахлдор дар ҳудуди хонавода ва дар хона), оид ба тайёр намудани ҳуҷҷатҳои лоиҳавию баровард (сметавӣ) барои иҷрои ин корҳо, таъмири баллонҳои газ, инчунин арзиши татбиқи корҳои чубкорӣ ва маснуоти оҳану бетонӣ (бе арзиши маводу масолеҳ), дохил ва ҳисоб карда мешавад.

Дар ҳамин сатр ҳамчунин арзиши он хизматҳои барои баҳисобгирӣ (инвентаризатсияи) техникӣ, ки аз рӯи фармоишоти аҳолӣ иҷро карда шудаанд, ҳамроҳ карда мешаванд.

Ба сатри – **Хизматҳои суратгир ва лабораторияи киною сурат . а**рзиши_хизматҳо **_оид ба ҳамаи** намудҳои корҳои суратгирию филмбардорӣ,(суратгирӣ, калон кардан, чопи сурат, корҳои картонажӣ) оид ба омада кардани суратҳо ва тайёр намудани албомҳои суратҳо, филмбардорӣ коркардӣ наворҳои кинобардории ҳаваскорӣ, тайёр намудани нусхаҳои суратҳо

барои ҳуҷҷатҳо ва дигар хизматхо аз рӯи фармоишоти аҳолӣ), инчунин хизматҳои артели сабти овоз ҳамроҳ карда мешавад. Ба ҳамин сатр арзиши хизмат аз рӯи корҳо бо истифодаи камераи видео (филмбардорӣ ва васлкории видео) ҳамроҳ карда мешавад.

Ба сатри – **<u>Хизматҳои ҳаммому душхонаҳо</u>**
арзиши хизматҳои асосӣ ва иловагӣ, ки ҳаммомҳо, душхонаҳо ва канализатсияҳо, душхонаҳои тобистона, павалионҳо ва ҳавзҳои шиноварӣ ба аҳолӣ расонидаанд (тавассути фурӯшӣ ҷорӯбу баншӯи, мачалка, собун, шампун, шонаҳои занонаю мардона, кӯлоҳи намади (шляпа), дастпӯшакҳои ҳаммом, инчунин арзиши оби пок (квас, морс,обҳои маъданӣ ва шарбатҳои мевагӣ, чой бо лимон, марабою асал, кахва ва маснуоти қаннодӣ) ҳамрох карда мешавад.

Ба сатри – **<u>Хизматҳои сартарошхонаҳо</u>**
арзиши ҳамагуна хизматҳое, ки сартарошхонаҳо, аз ҷумла хизматҳо оид ба ороиши касметикӣ, пирсинг, парвариши нохунҳо, ва мӯи сар, тайёр намудани муйи сар (парик) ва мӯи ғӯла (шинон), хизмати визажист ба ҳисоб гирифта мешавад. Дар ҳамин сатр ҳамчунин хизмати қошчинӣ ва мижгон, парикҳо, ба тартиб даровардану ғула кардани мӯи сар, инчунин корҳои иловагии ороишӣ барои шонакунию ороиши мӯи сар дохил карда мешаванд.

Ба сатри – **<u>Хизматҳои нуктаҳои кироя</u>**
(кирояи ашёи таиноти фарҳангию маиши, дастгоҳу таҷхизоти радио ва телевизион, аз ҷумла пешниҳоди бино барои гузаронидани чорабиниҳои тантанавӣ, кирояи автоматҳои бази, компютерҳо, барномаҳои ашёҳои бозиҳои варзишӣ, сайёҳӣ, бозиҳо, асбобу анҷом ва мошинҳои маишӣ, ашёҳои тӯю шабнишиниҳо) арзиши хизматҳо оид ба кирояи ашёю маводҳои зарурии хона, таиноти фарҳангию варзишӣ ҳамроҳ карда мешавад, васоити нақлиёт, хаймаҳо хонаҳои тобистонаи минтақаҳои истироҳатӣ, асбобу анҷоми мусиқӣ, арзиши газ, ки барои пӯхтани ғизо ба киро дода шудаанд, арзиши хизматҳо оид ба хизматрасонии тӯй ва дигар маросимҳои оилавӣ адо карда шудаанд, ба тартиб хизмат расондан дар ороиши мизҳои мӯй, инчунин хизмати ҳавзҳои оббозӣ ва ғайраҳо низ ҳисоб карда мешаванд. Дар ҳамин сатр арзиши хизматҳои расондани корҳонаҳо ва ташкилотҳо барои бозиҳои аттрактисиониҳо, каиқҳои истироҳати, завракҳо ва навгонҳо нишон дода мешаванд.

Дар сатри – **<u>Хизматҳои расму оин ва маросимӣ</u>**
арзиши хизмат оид ба дафи (аз ҷумла тайёр намудани ёдгорӣ, болои қариб, гулдонҳо, гулчанбарҳо, аз он ҷумла гулчамбари филизӣ ва ғайра), инчунин хизматрасонии вобаста ба дафи ба воситаи мағозаҳои махсусгардонидашуда.

Дар сатри – **<u>Хизматҳои нақлиётӣ</u>** арзиши хизматҳое, ки корҳонаҳои махсусгардонидашудаи нақлиётию намояндагӣ, наклиёти автомобили истифодаи умум, идораҳо, гурӯҳҳои (бригадаҳои автомобилии) корҳонаҳо оид ба ҳамлу накл, молборкунӣ, молфарорӣ, бастабандӣ ва кашондани борҳо, хифзу нигоҳбони барҳо дар анборҳо ва истгоҳҳо, оид ба тартиб додани ҳуҷҷатҳои молию нақлиётӣ, харидорӣ ва дарёфт, бурда (оварда) расондани

чиптаҳо (бе арзиши чиптаҳо) ба аҳолӣ расондаанд ва дигар хизматҳои комиссионӣ ва нақлиётию намояндагӣ, инчунин хизматҳои амборҳои муҳофизату нигоҳдории борҳо (камерахранения) ва боркашонҳо дар вакзалҳои роҳи оҳан ва фӯрудгоҳҳо (аэропорҳо) ва истгоҳҳои автомобилҳо (автавакзалҳо) дохил ва ҳисоб карда мешаванд. Дар ҳамин сатр арзиши хизмати нақлиёт оид ба бурда (оварда) расонидани баллонҳои газ (бе арзиши газ) ба хонаҳои аҳолӣ ва хизматҳои нақлиёт вобаста ба маросими туй (ғайра аз шахсӣ) ба ҳисоб гирифта мешаванд.

Дар сатри – **<u>Ҳаргуна хизматҳои маишӣ хизматҳои хусусияти истеҳсолидошта</u>**- газгузаронӣ ба хонаҳои бахши инфиродӣ, таъмир, пур кардану бурида (оварда) расонидани баллонҳои газ, аз нав коркарди маҳсулоти кишоварзӣ аз рӯи фармоишоти аҳолӣ (гуфтани ғалла, ҷудо кардани пӯст, чаронидани чорво, шудгор, кишт ва обери замин ва дигарҳо) ҳамроҳ карда мешаванд

**<u>Хизматҳои хусусияти гайриистеҳсолидошта</u>** – қабул ва ҳифзу нигоҳдории ашёҳо аз аҳолӣ дар чорвохонаҳо, хизматҳои хадамоти шиносои, барои акди никоҳ, харидорӣ кардан, бурда (оварда) расонидани тӯҳфаҳо ба дасти супурдани тӯҳфаю савғотиҳо бо табрикоти Бобои Барфӣ ва Барфак ва бо дигар қаҳрамонҳои афсонавӣ дар хонаро дар бар мегирад.

Хизматҳое, ки бо фаъолияти асосии корҳонаҳои махсусгардонидашудаи хизматрасонии маиши аҳолӣ тааллуқ надоранду аммо ба хизматҳо вобаста доранду корҳонаҳои мазкур хизмат мерасонанд, бо ҳачми татбиқи сатри намуди асосии хизмат, ки корҳонаҳо мерасонанд, ҳамрох карда мешаванд. (Замимаи №1 ба ҳамин дастурамал).

**<u>1.2.1.Ҳамчунин дар ҳачми хизматҳои маишӣ ба ҳисоб гирифта мешаванд:</u>**

1.2.1. арзиши маснуоти бе фармоишоти пешакӣ тайёр кардашуда, ки ба шаҳрвандон бевосита ба воситаи шабакаҳои нуқтаҳои қабул, бо пули накд ба фурӯш бароварда шудаанд, дар шароите, ки агар ин маснуот бо фармоишоти инфиродии шахрвандон тайёр карда шаванд:

1.2.2. арзиши маводҳо, қисмҳо, порчаҳо, кисмҳои эҳтиётӣ, ки ҳангоми хизматрасонии маишӣ истифода бурда шудаанд;

1.2.3. арзиши хизматҳо оид ба сохтмон ва таъмири гаражҳои кооператив ива истгоҳҳо барои воситахои нақлиёти, ки ба шаҳрвандон тааллуқ доранд, ободонии қитъаҳои бустонсаройҳои рафиқона ва таъмири ҷойҳои истифодаи умумии манзилҳои истиқоматии кооперативӣ аз ҳисоби маблағҳои аЪзоёни кооператив (рафиқона) , нововбаста аз шакли пардохтҳо.

1.2.4.арзиши хизматҳое, ки аз рӯи фармоишоти муассисаҳои муоличавию пешгирии касалиҳо, солимгардонӣ, ташкилотҳои иҷтимоию маишӣ ичро карда шудаанд, (дар Замимаи 2 ҳамин дастурамал, инчунин дар хизматҳои маросимӣ оварда шудаанду бо фармоишоти корҳонаҳо иҷро гардидаанд; хизматҳои хушкашӯии кимиёвӣ ва рангмолӣ, ки бо фармоишоти хобгоҳҳои умумии

муассисаҳои таълимӣ, хоҷагиҳои корҳонаҳои мехмонҳонаҳо, сайёҳӣ, роҳи охан, фурӯдгоҳҳо, кисмҳои ҳарбӣ (ғайр аз ҷомашӯихонаҳое, ки дар баланси фармоишгар қарор доранд) , иҷро карда шудааанд; хизматҳои ҳамому душхонаҳо, ки ба қисматҳои ҷузъу томҳои ҳарбӣ хизмат мерасонанд

1.2.5. арзиши таъмир ва хадамоти техникӣ, ки бо маъюбон тааллуқ доранду аз рӯи фармоиши онҳо аз ҳисоби маблағҳои таъминоти иҷтимоӣ ба чо оварда мешаванд.

1.2.6. арзиши корҳо аз рӯи сохтмони нав оид ба фармоиш инфиродии аҳолӣ иҷро карда мешаванду фармоишгар пулашро пардохт мекунад, ба ҳисоботи оморӣ дар асоси акти супурдани корҳо, ки дар давраи ҳисобот иҷро карда шудаанд, ё пурра сохтан (объект) ба анҷом расонида шудааст;

1.2.7. арзиши хизматҳои нақлиёту бахрабардорӣ, ки ба ҳамлу накли борҳо вобастааст.

## 1.3. Ба хизматҳои маишӣ арзиши зерин дохил карда намешавад:

маводҳо, маснуот, қисмҳои эҳтиёти ва порчаҳо, ки фармоишгар пешниҳод кардааст (ашёи хоми фармоишгар);

маводҳо, маснуот, қисмҳои эҳтиёти ва порчаҳо, ки корҳона бо савдои чакана харидааст;

гази моеъ, ки дар баллонҳои газ пур карда ба аҳолӣ бурда расонда мешаваду ба таркиби хизмати коммуналӣ (газрасонӣ) ба ҳисоб гирифта шудааст;

таъмири кафолатноки ройгони дастгоҳу таҷҳизоти барқӣ, мошинолоту асбобу анҷом, воситаҳои наклиёт;

маснуоте, ки корҳонаҳо, ташкилотҳо, муассисаҳо фурӯхтаанд;

таъмири пеш аз фурӯши дастгоҳҳо, таҷҳизоти радиоҳои барқи, мошинолоту асбобу анҷоми маишӣ ва воситаҳои нақлиёт;

хизматҳое, ки кайҳо яке аз корҳонаҳо (ҳангоми нусхабардорӣ, миёнаравӣ ва ғайраҳо ба ҳисоб гирифтааст;

гулҳо, қаламчаи гулҳо ва тухмӣ, ки ба воситаи мағозаҳои махсусгардонидашудаи боғдорӣ, хоҷагиҳои гулпарварии хоҷагии манзилию каммуналӣ ва ғайраҳо фурӯхта шудаанд.

(ғайр аз он чизҳое, ки ба воситаи мағозаҳои махсусгардонидашуда, ки ба дафн тааллуқ доранд), ба таркиби гардиши савдои чакана ба ҳисоб гирифта шудаанд.

## Баҳисобгирии хизматҳои пулакӣ ба аҳолӣ
## 2. Хизматҳои нақлиёти мусофиркашу мусофирбар

2.1. Ба хизматҳои нақлиёти мусофиркаш дохил карда мешавад:

пардохтҳои аҳолӣ барои рафту омади нақлиёт ҳамлу накли бағоч, борҳо дар нақлиёти истифодаи умум (нақлиёти роҳи оҳан, ҳавоӣ . автомобилӣ), тралейбусҳо, автобусҳо, таксиҳои сабукрав, инчунин дар ҳамаи намудҳои нақлиёти вазорату идораҳо, ки барои онҳо мусофиркашонӣ фаъолияти асосӣ намебошад, аз ҷумла хизматҳои фармоишоти яквақтаи аҳолӣ;

хизматҳои оид ба мусофиркашонӣ, ки соҳибони нақлиёти автомобили сабукрав ба амал бароварда мешаваду ҳуқуқи фаъолияти соҳибкории инфиродӣ даромад, ё дар шароитҳои қарордод бо корҳонаҳо анҷом медиҳанд;

пардохти аҳолӣ барои хизмати идора оид ба хизматрасонӣ ба аҳолӣ дар нақлиёти роҳи оҳан (бо пешниҳоди рӯйҷоирахти хоб, хизмат оид ба пешниҳоди чой, қанд, печони (кулчаҳои ширин) ва ғайра, бе арзиши маҳсулот ;

Ҳамчунин андозаи пардохтҳои комиссионӣ аз фурӯши пешакии чиптаҳо, бурда (оварда) расондани чиптаҳо ба хона, арзиши фармоишоти пешакии чиптаҳо (брони) барои ҳамаи намудҳои нақлиёт ба хизматҳои нақлиёти мусофиркаш дохил карда мешавад.

2.2. Ба хизматҳои нақлиёти мусофиркаш дохил карда намешаванд; хизматҳое, к ибо нақлиёти автомобилӣ ҳамлу нақли мебел ва дигар борҳои аҳолӣ ба амал баровардa мешавад, бурда (оварда) расондани балонҳои газ ба аҳолӣ, хизматҳои боркашонҳо ва ҳифзу нигоҳбонии богоҷи мусофирон, ки дар таркиби хизмати маишӣ ба ҳисоб гирифта шудааст.

Ба шӯъбаҳои алоқа ва дукончаҳои пушта бурда (оварда) расондан, ирсол намудани нашрияҳои даври, ки бо такси ба амал баровардa мешаванд, инчунин даромади паркҳои таксиҳо ва нақлиёти автомобили ташкилотҳо аз пешниҳоди таксиҳои сабукрав ба онҳо, автобусҳо ва дигар нақлиёти автомобилӣ ба дигар корҳонаю ташкилотҳо аз рӯи истифодаи соатакӣ, ин хизматҳо ба хизматҳои нақлиётию намояндагӣ оид ба ҳамлу нақли борҳо ҳамроҳ карда шудаанд.

## 3. Хизматҳои алоқа

3.1.Ба ин сатр пардохтҳои аҳолӣ барои хизматҳои зерин хамрох карда мешаванд; ирсол ва бурда (овардани) мактубҳо, бастаҳо (бандеролҳо), интиқоли пулҳо, посилкаҳо (қуттиҳои баста), нашрияҳои даврӣ, ирсоли барқияҳои (телеграммаҳо); бастабандӣ, ҳифзу нигоҳбонии бастаҳо (бандеролҳо) ва қуттиҳои баста (посилкаҳо) дар шуъбаҳои алоқа хангоми кабули онҳо барои фиристодани бандиролҳо ва пасилкаҳо;

истифодаи ҳамагуна намудҳои телефонҳои (хонагӣ, квартира , автомат, байнишаҳрӣ ва байналхалқӣ ва ғайраҳо) ва хизматҳои алокаи электронӣ;

истифодаи нуқтаҳои пахши радиои;

ҷо ба ҷо гузори (аз ҷумла арзиши дастгоҳи телефон, ки ба корҳонаи алоқа мансубаст), аз нав ҷо ба ҷо кардану аз нав бақайдгирии нуқтаҳои телефонҳо ва радио, ҷо ба ҷо гузоштани разеткаҳои иловагии телефонҳо, таъмири дастгоҳҳои телефонӣ ва нуқтаҳои пахши радиоӣ;

насб кардани антенаҳои телевизиони, истифодаи антенаҳои телевизионӣ, истифодаи ноқилҳо (кабелҳо)-и видиотелевидения;

хизматрасонии низомҳои (системаҳои) бузурги қабули коллективонаи телевизиорҳо аз тарафи корҳонаҳои низоми ба фурӯш мераванд;

покатҳои (конвертҳои) маркадор ва откриткаҳо, маркаҳои пучта ҷиҳати ирсоли мактубҳо, ки аз тарафи корҳонаи алоқа ба фурӯш баровардa мешаванд;

## 4. Хизматҳои хоҷагии манзил

**4.1. Ба хизматҳои хоҷагии манзил дохил карда мешаванд**:

пардохтҳои шахрвандони барои манзил, новобаста аз тобеияти идоравӣ (фонди давлатӣ, идоравӣ, ҷамъияти ва дигар ташкилоту корҳонах);

маблағи пардохти аҳолӣ барои хараҷоти истифодабарӣ дар хонаҳои коопертивҳои манзилию бинокорӣ ва манзилӣ (бе андозаи ҳаққи узвияти аввалина ва адои минбаъдаи арзиши квартираҳои кооператвӣ);

пардохти аҳолӣ ба фирмаҳо, идораҳо, бюроҳо, ташкилотҳо барои хизмату фаъолияти миёнаравӣ оид ба супурдан ба кирояи манзил аз азоёни ширкат, хариду фурӯш, мубодилаи манзил;

пардохти аҳолӣ ба соҳибони хонаҳо, арзиши истикомат дар биноҳое, ки ба кироя гирифта шудаанд;

пардохтҳои аҳолӣ барои истиқомат дар хобгоҳҳо умумӣ, мотелҳо, кепингҳо, мехмонҳонаҳо (аз ҷумла пардохт барои банд кардани (брон кардани) ҷой ва хизматхои иловагӣ ки ба арзиши утоқ дохил нестад.

4**.2. Ба хизматҳои хоҷагии манзил дохил карда намешаванд**:

хизматҳое, ки ба арзиши утоқи меҳмонҳона дохил намешаванд: оид ба пешниҳоди кирояи телевизор, яхдон, чойник, зарфҳо, истифодаю оварда (бурдани) чой ба утоқи меҳмон, сигор, об ва дигар хизматҳое, ки дар таркиби хизматҳои маишӣ ҳисоб карда шудаанд;

воситаҳо – маблағҳои корҳонаю ташкилотҳо оид ба таъмину-ногоҳдории фонди манзил, арзиши истикомати роҳбаландҳо дар меҳмонҳонаҳо ва хобгоҳҳо дар арзиши сафархат дар хату сайри сайёҳӣ ва хизматҳои раҳбаландӣ дохил карда шудаанд.

5. **Хизматҳои коммуналӣ**

**Ба хизматҳои коммуналӣ хамрох карда мешаванд:**

пардохтҳои аҳолӣ барои истифодаи канализатсия, лифтҳо, инчунин хизматхо оид ба кашондани партовҳо, рубу чини ҳудуд (бо фармоишоти кооперативҳои манзилию бинокори, манзилӣ ва бинокории манзилӣ, сохибони хонаҳои шахси-хусусӣ, соҳибони қитъаҳои боғу бустонсаро, бӯстонсароҳои рафикона).

Дар ин маврид, маблағҳои нишон додашуда бояд ба ҳаҷми хизматҳои пулакии ҳамон ташкилоте ҳамроҳ карда шаванд, ки бевосита ба шахрвандон ин хизматҳоро расондаанд;

маблағи пардохти аҳолӣ барои харочоти истифодабарии хонаҳои кооперативҳои манзилию бинокорӣ ва кооперативҳои манзили (бе андозаи ҳаққи узвияти аввалия ва пардохтҳои минбаъдаи арзиши квартирахои кооперативӣ); хизматҳои ҳоҷатхонаҳои пулакӣ.

**5.2. Ба хизматҳои коммуналӣ дохил карда намешаванд:**

Маблағ аз таркиби маблағҳои бозгардондани хароҷоти баҳрабардорӣ дар хонаҳои кооперативҳои манзилӣ, ки барои таъмири ҷории хонаҳо равона карда шудаанд, дар таркиби хизматхои маишӣ, ки ин намудҳои таъмириро ба амал баровардаанд, ба ҳисоб гирфта шудаанд;

маблағе, ки аз корҳонаҳо барои қувваи барқ , қувваи гармӣ, об, газ, ки барои истеҳсолот, ба максадҳои технологӣ, хизмати канализатсия ва тозагии санитарӣ оид ба хизматрасонии ҳудуд ва каммуникатсияи ин корҳонаҳо истифода бурда мешаванд, ворид шудаанд.

**6. Хизматҳои фарҳангӣ**

**6.1. Ба хизматҳои фарҳангӣ дохил карда мешавад:**

пардохти аҳолӣ барои чиптаҳои дохилшавӣ ба намояндаҳо кинофилмҳо, видеобарномаҳо, намоишномаҳои саҳнавӣ, консертҳо, намоишҳои сирк, тамошои осорхонаҳо, намоишгоҳҳо, шабакаҳои эчодӣ;

барои ҷашну идҳои театрикунонидашуда, карнавалҳо, шабнишиниҳо, консертҳо, дискатекаҳо ва дигар чорабиниҳои оммавию фарҳангӣ, ки бо қувваи боғҳои фархангию истироҳатӣ (боғҳои шаҳрҳо)намоиш дода мешаванд, беарзиши барномаҳое, ки ташкилотҳо, коллективҳои театри, гурӯҳҳои сиркӣ бо ҷалби консертҳо нишон додаанд;

истифодаи автоматҳои аттрактсионӣ ва бозиҳо; чиптаҳо, барои даромадан бо боғҳои ҳайвонот;

таҳсил дар мактабҳо ва марказҳои (студияҳои) мусиқӣ, бадеӣ ва хореграфӣ, мактабҳои санъат;

тариф бурдан донишгоҳҳои фарҳангӣ, санъат ва ба дигар чорабиниҳои фарҳангию маърифатӣ;

аз нав сабт кардани наворҳои магнитӣ ва компакт-дискҳо мусиқӣ ва адабӣ, асарҳои бадеӣ;

**6.2. Ба хизматҳои фарҳангӣ дохил карда намешаванд**:

пардохтҳои кафолатнок ба муассисаҳои фарҳангӣ барои намоишҳои сафарҳои ҳунарӣ, консертҳо ва дигар намоишҳо, маблағҳои нишон додашуда бояд ҳангоми баҳодиҳии фаъолияти молиявӣ-хоҷагии корҳона инъикос карда шавад;

арзиши даромадани роҳбаладҳо ба осорхонаҳо, намоишгоҳҳо ва дигар чорабиниҳо ба арзиши сафархати хизматрасонии роҳбалад дохил карда шудаанд.

**7. Хизматҳои сайёҳӣ ва тамошодтҳӣ**

**7.1. Ба хизматҳои сайёҳӣ ва тамошо дохил карда мешаванд**:

пардохти аҳолӣ барои сафархати сайёҳӣ ва хизматҳои роҳбаладӣ, ки дар худ дар бар мегиранд:

хизматҳои наклиёти мусофиркаш;

истиқомат ва хӯрок дар маҷмаи меҳмонҳонаҳои сайёҳӣ, марказҳои сайёҳӣ, истироҳату табобатгоҳҳо ва кемпинҳо;

истиқомат дар воситаҳои иҷоравии биноҳои дигар идораҳо ва манзилҳои инфиродии шаҳрвандон;

хизматрасонии тамошодиҳӣ, сайёҳию солимгардонӣ

хизматрасонии оилавию фарҳангӣ ва ғайраҳо

хизматҳои вобаста ба сайёҳӣ ва роҳбаландҳо, ки ташкилоту корҳонаҳои дар боло нишондодашуда, илова аз арзиши сафархат ва пардохтҳои иловагӣ ба онҳо;

пардохти аҳолӣ барои сафархатҳои сайёҳӣ ва роҳбаладӣ ба фирмаҳо, агентиҳо, ширкатҳо барои хату сайри байналхалқӣ ва хизматҳое, ки ба таври иловаги иҷора аз арзиши сафархат пардохта мешавад.

пардохти аҳолӣ барои ҳуҷҷатҳои визаҳо, шиносномаҳо ва дигар ҳуҷҷатҳо барои сафар ба хориҷа.

**7.2. Ба хизматҳои сайёҳӣ ва тамошодиҳӣ дохил карда намешаванд:**

маблағҳои пулӣ аз рӯи ҳисобу китоби мутоқобила бо дигар корҳонаю ташкилотҳо оид ба сайёҳӣ ва тамошодиҳӣ;

пули накд аз тарабхонаҳо, қаҳвахонаҳо. Ошхонаҳо, буфетҳо, ки ба таври иловагӣ аз хизматрасонии сайёҳон ва тамошочиён гирифташуда. инчунин аз дигар аҳолӣ, ки дар таркиби молгардиши хӯроки умумӣ ҳисоб карда шудааст;

кирояи асбобу анҷоми сайёҳӣ ва дигар лавозимот, хизматҳои ателеи, суратгирӣ, сартарошхонаҳо, ҳаммомҳо, сауна, ки дар таркиби хизмати маишӣ ба ҳисоб гирифта шудаанд;

дискотекаҳо, автоматҳои бозӣ, толорҳои кино ки таркиби хизматҳои муассисаҳои фарҳангӣ баҳисоб гирифта шудаанд;

дастгоҳу таҷҳизоти варзишӣ, ки дар таркиби хизматҳои тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш ба ҳисоб гирифта шудаанд;

утоқҳои молишкунӣ, табобати додан ва дигар утоқҳои муолиҷавӣ, ки дар таркиби хизматҳои тиббӣ ба ҳисоб гирифта шудаанд.

**8. Хизматҳои тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш**

**8.1. Ба хизматҳои тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш дохил карда мешаванд:**

пардохтҳои аҳолӣ барои чиптаҳои мусобиқаҳои варзишӣ, ҷашну идҳо, чорабиниҳои варзишию тамошо, вохӯриҳои варзиши тақвимӣ ва бозиҳо, ки дар иншоотҳои варзишӣ гузаронида мешаванд;

абономентҳо ва чиптаҳои яквақта барои машғулияти тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш дар гурӯҳҳои омӯзишӣ ва дастаҳои намудҳои варзишӣ, мактабҳо, толорҳои самтҳои солимгардонӣ ва солимӣ, омодагии умумии табияи ҷисмонӣ;

пардохтҳои шунавандаҳои курсҳои тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш оид ба таълими маҳорати варзишӣ ва инкишофи сифати ҷисмонӣ, тайёр намудани дастурдиҳандаҳои (инструкторон) –и тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш:

пардохтҳои аҳолӣ барои истифодаи дастгоҳу таҷҳизоти варзишию технологӣ, мураббиҳо (тренерҳо), асбобу анҷом, либос ва дигар хизматҳое, ки ба муштариёну мухлисон иншоотҳои варзиши пешниҳод карда мешаванд (ҳаммом, сауна, нигоҳу бини кӯдакон, ба тартиб даровардани либосҳо, шароитҳои физиотерапевтӣ, молиш, шароитҳои гармирасонӣ ва ғайраҳо).+

**9. Хизматҳои тиббӣ**.

**9.1. Ба хизматҳои тиббӣ дохил карда мешаванд:**

– маблағе, ки аз аҳолӣ барои намудҳои гуногуни хизматҳои тиббӣ ва муассисаҳои хизматрасониҳои санитарии тандурустӣ ё ҷузъӯ томҳои онҳо гирифта шудаанду дар баланси мустақил қарор доранд, маблағҳое, ки аз ахолӣ муассисаҳои муоличавии шаҳрӣ, табобати дандонҳо, физиотерапевтҳо, дармонгоҳҳои гомепатикӣ, муоличаю табобатхонаҳои косметологӣ, шуъбаҳои дандонҳои ориятӣ (протезмонӣ) ва утоқҳои муоличаи дандонҳо, диспансерҳои (табобатхонаҳои майзадаҳо, комиссияҳои тиббии муоинаи ронандаҳо, марказҳои дорупошӣ (дезинфексионӣ), шӯъбаҳои лабораторияҳои муассисаҳои санитарӣ ва дигармуассисаҳо, ҳамчунин курсҳои пулакии муассисаҳои ишорашуда оид ба тайёрии мутахассисон оид ба пеш бурдани шароитҳои тиббию солимгардонӣ, молиш, муоличаи мануалӣ ва ғайраҳо гирифта шудаанд.

Дар хизматҳои тиббӣ ҳамчунин маблағи пардохтаи аҳолӣ, ҳуқуқӣ, ки ба фаъолияти тиббӣ машғуланд (духтурони ба таврӣ шахсӣ – хусусӣ амалкунанда, ҳамшираҳои таббӣ ва ғайраҳо) ба тартиби инфиродӣ ба фаъолияти соҳибкорӣ машғуланд, дохил карда мешаванд.

**9.2. Ба хизматҳои тиббӣ дохил карда намешаванд:**

хизматҳои духтури бойторӣ, ки дар гурӯҳи «дигар хизматҳо» ба ҳисоб гирифта шудаанд;

пардохт барои хӯроки кормандони табобатхонаҳо ва дигар муассисаҳои муоличавӣ.

**10. Хизматҳои санитарию истироҳатӣ ва солимгардонӣ**

**10.1. Ба хизматҳои санитарию истироҳати ва солимгардонӣ ҳамроҳ карда мешаванд:** нархи сафархат (аз ҷумла нархи сафархати ба истироҳатгоҳҳои кӯдакон) дар ин муассисаҳо; баҳисобгирӣ аз рӯи маҳаллӣ ҷойгирифтаи корҳона, аз рӯи баланс (ё пешбурди) он муассисаҳое ба амал баровварда мешавад, ки ин муассисаҳои табобатӣ ва истироҳатӣ дар ихтиёри онҳо қарор доранд.

пардохти аҳолӣ барои хизматҳои иловагӣ, ки ба истирохаткунандаҳо барои пардохтҳои иловагӣ ба арзиши сафархат хамроҳ карда шудааст;

хизматҳои утоқҳои табобати додан, касметик, моли шва дигар утоқҳои табобати, хизматҳои , ҳамомҳо , сауна, ҳавзҳо, утоқҳои пешниҳодшуда аз рӯи хоҳиши истироҳаткунандаҳо бо теливизор, яхдон ва дигар асбобу анҷом, ки шароити мусоид ба истироҳаткунандаҳо фароҳам оварда шудааст. Баҳисобгирии ин хизматҳо , инчунин пардохти сафархат бевосита дар маҳаллӣ истироҳат, дар ҷои ҷойгирифтаи муассисаҳои санаторию истироҳатӣ ва солимгардонӣ ба амал баровварда мешавад.

10.2. Ба хизматҳои саторию-истироҳатӣ ва солимгардонӣ **ҳамроҳ карда намешаванд**;

хизматҳо оид ба пешниҳоди бинои истиқомати дар хонаҳои шахсӣ, ки (дар асоси карордодҳои басташуда бо соҳибони хона) ба мусофирон дар маҳаллӣ истироҳат бе сафархат пешниҳод карда шудааст ва дар таркиби хизматҳои манзилию истиқоматӣ ҳамроҳ карда шудаанд;

пардохти пули хӯроки кормандони муассисаҳои санаторию истироҳатӣ ва солимгардонӣ воситаҳои корҳонаҳо оид ба таъмину нигоҳбонии хоҷагиҳои муассисаҳои санаторию истироҳатӣ ва солимгардонӣ.

## 11. Муассисаҳои бонкӣ ва хусусияти ҳукуқидошта

11.1. Ба хизматҳои муассисаҳои бонкӣ ва хусусияти ҳукукдошта дохил карда мешаванд:

пардохти ҳамагуна намудҳои хизмат, ки натарусҳои давлатӣ хусуси, ки ҳаргуна шаҳодатнома оид ба тасдиқи шартнома ё қарордодҳо гувоҳӣ медиҳанд;

хизматҳои маслиҳатчиёни ҳуқуқшинос, воридшавии маблағҳои пулӣ аз шаҳрвандон барои хизматрасонӣ аз тарафи ҳимогари хукуқи;

пардохти аҳолӣ барои хизматҳое, ки муассисаҳои бонкӣ мерасонанд;

додани чекҳои ҳисоббаробаркунӣ ва китобчаҳое чек, кортҳои қарзӣ (кредити);

интиқоли пасандозҳо ё пулҳои накд ба фонди шахсони алоҳида;

супурдани ваколатномаҳо (аккредитивҳо) ва қабули қоғазҳои қиматнок барои нигоҳдорӣ ва муҳофизат (вомбаргҳои давлатӣ, сертификатҳо ва дигар қоғазҳои қиматнок);

барои истифодабарӣ пешниҳод кардани сандуқҳо (сейфҳо);

кофту кови амонатҳо бо хоҳиши шаҳрвандон (аз ҷумла амонатгузорон ва меросгузорон);

хизматгузории маслиҳатӣ;

хизматҳои комисионӣ;

## <u>12. Хизматҳои низоми маориф</u>

аз он ҷумла:

дар низоми тарбияи томактабӣ;

дар низоми таксимоти олӣ, миёна ва касбӣ

дар низоми таҳсилоти олӣ, миёна ва касбӣ,

таълими аҳолӣ дар курсҳо

12.1. Ба хизматҳои низоми маориф дохил карда мешаванд.

хизматҳо оид ба таъмину нигоҳу бини кӯдакон дар низомитарбияи томактабӣ (боғчаҳои кӯдакон, боғчаҳо, гурӯҳҳо барои томактабӣ ), ки шахсонӣ хусусӣ ташкил менамоянд.

пардохти аҳолӣ барои хизматҳои иловагӣ, ки дар боғчаҳо, боғчаҳои кӯдакон ба кӯдакон хизмат мерасонанд; дарсҳои кӯрон (логопеди), омӯзиши ритмика, омӯзиши забони хориҷӣ ва ғайраҳо;

пардохт барои хизматҳои дохилшавӣ, таълими иловагӣ дар мактабҳо, гимназияҳо, литсейҳо, муассисаҳои тахсилоти миёнаи касбӣ, дар донишкадаҳои олӣ;

хизматҳои мактаб – интернатҳо оид ба таъмину ногоҳу бини кӯдакон;

хизматҳои курсҳои пулакӣ оид ба тайёр намудан барои дохилшавӣ ба донишкадаҳои тахсилоти олӣ, коллеҷҳо, (техникуму омӯзишгоҳҳо) таҳсил дар курсҳои забонҳои хориҷӣ;

хизматҳои курсҳо оид ба таълими аҳолӣ дар курсҳои ронандагии автомобилҳо, мототсикилҳо, акосҳои информатика ва техникаи ҳисоббарор, курсҳои менеҷментӣ ва ғайраҳо, курсхо оид ба дарёфт кардани дониши касбӣ (ҳунари буррандагӣ, дӯзандагӣ, бофтан, пухтупазӣ қанноди (кулинарӣ), сабти маишӣ, аслнавис, (стенография), котиби-ёварӣ (референтӣ), муҳосибӣ ва ғайраҳо)

12.2. Ба хизматҳои низоми маориф дохил карда намешаванд;

пардохти кормандони муассисаҳои мактабӣ, дар ин муассисаҳо ба онҳо додани хӯрок;

маблағҳое, ки корҳонаҳо, муассисаҳо, ташкилотҳо барои таъмину нигоҳдории ин муассисаҳо сафарбар карда шудаанд:

пардохти корҳонаҳо, ташкилотҳо барои таълими кормандони онҳо дар курсҳо ва ғайраҳо.

**13. Дигар хизматҳои пулакӣ**;

**13.1. Ба дигар хизматҳои пулакӣ дохил карда мешавад**:

пардохти аҳолӣ барои: хизматҳои бойторӣ, хизматҳо барои бонӣ кардани манзил, хизматҳои тирҳои бозӣ;

хизматҳои корҳонаҳои табъу нашр ва дигар корҳонаҳое, ки заминаи табъу нашр доранд (тайёр намудани папкаҳои хотиравӣ, табрикот ва суроғаҳои чашнӣ, визиткаҳо, нусхабардории мақолаю қайдҳои ҷудогона, ҳуҷҷатҳо, муқовабандии китобҳо, маҷаллаҳо, рӯзномаҳо, таъмири китобҳо, нашри эълонҳои шахсӣ, хизматҳо оид ба корҳои таҳрири матнҳо, интихобу ҷудо кардани адабиётҳои маълумотномаю иттилоотӣ, тарҷумаи матнҳо ва ғайраҳо);

хизматҳои бозорҳо (пардохтҳое, ки аз даромадани шаҳрвандон ба бозорҳо ситонда мешаванд, барои ҷои савдо пардохт ба истгоҳи пулакии автомобилҳо, додани тарозу, дигар асбобу анчомҳо, коркарди санитарии махсулот, ҳифз ва нигаҳбонии молҳо, истиқомат дар меҳмонҳонаҳои назди бозорҳо ва ғайраҳо, хизмтаҳое, ки ба ашхоси дар бозор ба фурӯши молҳо машғуланд.

Хизматҳои савдое, ки ба таркиби гурӯҳҳои соҳавии хизматҳои пулакӣ ба ҳисоб гирифта намешаванд (маслиҳати мутахассисон, хизмати ошпаз оид ба тайёр намудани ғизо аз маҳсулоти муштарӣ, хизмати пешхизмат (афитенант) ва зарфшӯй дар хона, буридани шиша, бурда (овардани) хуроки пешин ба хона бе арзиши хӯроки чошт, арзиши хизматҳо оид ба маҷмуъасозии фармоишоти озуқаворӣ;

хизматҳо дар соҳаи илмӣ, хизматҳое, ки лаборантҳои микро-нусхабардории суратҳо ва таҷдиди ҳуҷҷатҳо

хизматҳои технологияи ҳисоббарор ;

пардохти аҳолӣ барои пахши эълонҳои хусусӣ дар телевизор ва радио,

иҷозатнома барои шикори ҳайвонот, мурғу мурғобӣ, шикори моҳӣ, барои ҷамъоварии алафҳои худрӯй барои мақсадҳои тиҷорати.

Намудҳои номбарнашудаи хизматҳои аҳолӣ дар гурӯҳи (дигар хизматҳои пулакӣ» инъикос карда мешаванд.

14. Ба ҳаҷми амалӣ сохтани хизматҳои пулакӣ ба ҳисоб гирифта намешаванд.

Фурӯши ҳамагуна намудҳои молҳо.

пардохти аҳолӣ барои вайрон кардан низомномаҳо, қонунҳо, инчунин аз рӯи қарори судҳо (алиментҳо, ҷаримаҳо, аз рӯи аҳдшиканӣ , баргардонидани арзиши молу чизҳои дӯздидашуда, пардохтҳо ба шифохонаҳои ҳушёрхонаҳо ва ғайраҳо;

андозаи ҳаққи узвияти ихтиёри ба фондҳои ҷамъияти ва пардохтҳои ҳаққи узвият ба ташкилотҳои ҷамъияти ва кооперативӣ;

ҷамъоварии намояндаи нақлиёти автомобилӣ барои ба қайд мондани воситаи нақлиёт, супурдани рақамҳои давлатӣ воситаи нақлиёти, супурдани рақамҳои давлатии васоити нақлиёти давлатӣ ва шахсӣ (аз ҷумла завраќу қалқҳо), ки ба шаҳрвандон тааллуқ доранд, барои хадамоти техникӣ;

кору хизматҳое, ки барои ташкилотҳо, муассисаҳо, корҳонаҳо, иттиҳодияҳо, ташкилотҳои, кооперативӣ, корҳонаҳои кооператсияи матлубот, колхозҳо ва ғайраҳо (ғайр аз онҳое, ки дар бандҳои 1.2.4. номбар карда нашудаанд);

маблағҳои пешпардохти аввалия ва моҳҳои минбаъда баргардонидани арзиши квартираҳои кооперативӣ дар хонаҳои кооперативҳои манзилию бинокорӣ ва манзилӣ; маблағҳои аҳолӣ, ки барои адои арзиши хонаҳои бисёрквартираи шахсӣ ҳисса гузошта мешаванду аз ҳисоби маблағҳои корҳонаҳо, карзҳои муассисаҳои бонкӣ, инчунин арзиши квартираҳо дар хонаҳои фонди ҷамъияти, ки ба аҳолӣ фурӯхта шудаанд;

пардохтҳо оид ба суғуртабандӣ, пардохтҳои яквақта, андозҳо боҷҳо ва ғайраҳо;

хароҷоти аҳолӣ барои харидории чиптаҳои лоторейҳо, (новобаста аз маҳҳалӣ паҳн намудани онҳо) ва дигар намудҳои харочоти пули шаҳрвандон, ки ҳамчун шаҳрвандон, ки хамчун «пардохтҳои ҳатмӣ ва ҳаққи узвияти ихтиёрӣ ба назар гирифта шудаанд;

маблағҳои пардохтҳои иҷоравии корҳона ва ташкилотҳо (чӣ ба ичорадеҳ, чи иҷорагиранда) барои истифодаи автобӯсҳо, автомобилҳо ва дигар васоити нақлиёти коршоям (аз ҷумла истифодаи соатбай), таҷҳизоту иншооти варзишӣ, толорҳо, маҷлисгоҳҳо, манзилҳо ё дигар биноҳое, ки барои хизматрасонии пулакии кормандони худ ва дигар шаҳрвандон истифода бурда мешавад;

харочоти корҳонаҳо барои таъмину нигоҳдории хоҷагиворении объектҳои иҷтимоию фарҳангӣ ва таиноти маиши (фонди манзил, хобгоҳҳо, мехмонҳонаҳо, иншооти варзишӣ, толорҳо, муассисаҳои санитарию истироҳатӣ – табобатӣ, китобхонаҳо, муассисаҳои томактабӣ ва ғайраҳо) ва оид ба хизматрасонии ба ном хизматҳои райгон ба кормандони худ;

ҳачми кору хизматҳое, ки барои аҳолӣ ичро карда мешаванду вале аз ҳисоби маблағҳои мақомоти ҳифзи иҷтимоӣ, буҷети маҳаллӣ, корҳонаҳо (ғайр аз онҳое, ки дар фасли муқаррароти умумӣ «дар сатри 1 нишон дода шудаанд);

дигар корҳое, ки на аз рӯи фармоишоти инфиродии шаҳрвандон ва на аз ҳисоби маблағҳои онҳо иҷро карда шудаанд;

хизматҳои савдо ва хӯроки умумӣ дар нишондиҳандаи «ҳаҷми хизматрасонии пӯлакӣ» ҳамрох карда намешаван, зеро объекти омӯзиши омори савдо мебошанд.

Ба ҳаҷми умумии амалӣ намудани хизматҳои пӯлакӣ, ки иттиҳодияҳо, корҳонаҳо, ташкилотҳо ба аҳолӣ расондаанд, дохил карда намешаванд:

пули накди фуруши масолеҳи чубу тахта , бинокорӣ ва ороиш, маснуоти бетонӣ ва оҳану бетонӣ, асбобу анҷомҳо дастгоҳу таҷҳизоти муҳандисӣ ва санитарию техникӣ, қубурҳо, маҳсулоти симу кабелҳо, маснуоти дуредгарию оҳангарӣ, қисму порчаҳо ва маҷалаҳо стандарти хонаҳои чӯбин, нуриҳои маводҳои охакмонанд, тухмиҳо, маводҳои шинондашаванда, чавонаҳои чорво ва мурғҳо, харгӯшҳо ва замбури асал, хӯроки чорво, партовҳои истеҳсолот, маводҳои ғайрикодитсионӣ ва маснуот, зиёдатиҳои истеҳсолот, молҳои озуқаворӣ, ки дар хизматҳои пӯлакии шакли №1-хизматҳо, хар моҳи давра ба давра ба ҳисоб гирифта намешаванд.

маълумотҳои нишон додашуда ба ҳачми молгардиши чакана дар ҳудудҳо хамроҳ карда мешаванд.

**15. Ҳисобот оид ба хизматҳои пулакиро** - ҳар кадом корҳонае, ки ба аҳолӣ хизмати пулакӣ мерасонад, новобаста аз шакли моликият ва шакли ташкилию ҳуқуқи тартиб дода ба мақоми омории маҳалли ҷойгирифтаи худ, на дертар аз мӯҳалате, ки дар шакли ҳисоботи омори давлатӣ нишон додашуда пешниҳод менамояд.

Маълумотҳо аз рӯи воҳидҳои (филиалҳо, шӯъбаҳо ва ғайраҳо), ки мақоми шахси ҳуқуқӣ надоранду дар корҳонаи асосӣ дар ҳудуди як ноҳия (шаҳр) карор доранд, ба ҳисоботи корҳонаи асосӣ дохил карда мешаванд.

Воҳидҳои истеҳсоли (филиалҳо, шӯбаъҳо ва ғайраҳо), ки на дар як ноҳия (шаҳр) бо корҳонаи асосӣ карор доранд. Ҳисоботро бояд мустақилона тартиб дода, онро ба мақоми омории маҳҳалӣ ҷойгирифтаи худ пешниҳод намоянд, ҳамчун объект дар ҳисоби ноҳияи (шахри) мазкур қарор дорад,

Дар чунин маврид корҳонаи асосӣ ҳисоботро ба мақомоти оморӣ бе ҳаҷми хизматҳои воҳидҳои истеҳсолӣ (филиалҳо, шӯъбаҳо ва ғайраҳо), ки ҳисоботро пешниҳод кардаанд, ба мақомоти омор мустақилона пешниҳод менамоянд.

**16. Ҳангоми тақсими хизматҳо ба шаҳрҳо ва деҳот зарур аст,** ки ба тартиби зайл тақсимоти мавҷудаи ҳудудию маъмурӣ ба роҳбарӣ гирифта шавад: хизматҳои маишӣ аз рӯи чои қабули фаромоиш ба ҳисоб гирифта мешаванд.

Ба таври истисно, аз рӯи деҳот фармоишоте ба ҳисоб гирифта мешаванд, ки дар шаҳрҷойҳо қабул карда шуданд, барои таъмир ва хадамоти техникии восоити наклиёт, ки мувофиқи шиносномаи техникӣ дар деҳот ба қайд гирифта шудаанд;

Барои хизматҳои наклиётӣ, дар мавриде, ки сокини деҳот хизматҳои нақлиёти ташкилотро барои боркашонӣ дар маҳаллӣ истиқомати аз корҳонаҳои савдо, хадамоти маишӣ, базаҳои сузишворӣ, идораҳои тақсими газ ва базаҳои чӯбу тахта, амборхонаҳо ва майдончаҳои контейнорҳо, ки дар шаҳрҷойҳо қарор

доранд, барои ҳамаи намудҳои хизматҳои кишоварзӣ ва корҳо истифода меьаранд;

Тақсимоти хизматҳое, ки бо фармоишоти қитъаҳои боғҳои коллективӣ (рафиқона) иҷро карда мешаванд, дар шаҳрҷойҳо ва деҳот ба назардошти маҳаллӣ  чойгиршуда қитаи замини алоҳида барои боғҳои рафиқона (коллективӣ) ба амал бароварда мешавад;

Дар заминҳое, ки дар ҳудуди сарҳади шаҳрҳо, шаҳракҳо ё навъи истироҳатию табобати дар шаҳрҷойҳо: дар деҳоти аҳолинишин қарор доранд;

хизматҳои қабристонҳое, ки дар хориҷи шаҳрҷойҳо қарор доранду аммо дар тоати ташкилотҳои махсусгардонидашудаи шаҳрҳо карор доранд, аз рӯи шаҳрҷойҳо ба ҳисоб гирифта мешаванд;

хизматҳои хоҷагии манзилию коммуналӣ аз рӯи хизматрасонии фонди манзили маҳаллӣ ҷойгирифта ба ҳисоб гирифта мешаванд;

хизматҳо оид ба таъмину нигоҳу бини кӯдакони муассисаҳои томактабӣ, аз рӯи корҳонаи дар ҳамон маҳал ҷойгирифта, ки пеш бурдани маълумотҳои муассисаҳои томактабӣ дар ихтиёрӣ вай қарор дорад, ба ҳисоб гирифта мешаванд;

хизматҳои фарҳангӣ, тандурустӣ, тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш, муассисаҳои бонкҳо ва «дигар хизматҳо»- аз рӯи маҳалли чой гирифтаи муассисаи, ки ин хизматҳоро мерасонанд;

хизматҳои алоқа ирсоли мактубҳо, бастаҳо (бандерлҳо), қуттиҳо (посилкаҳо), интиқоми пулҳо, барқияҳо (телеграммаҳо) – аз рӯи маҳалли ҷойгирифтаи  шӯъбаи алоқа, ба воситаи фиристонданҳои нишондодашуда ба амал бароварда мешаванд.

пешниҳоди гуфтугӯи телефонии байналхалқӣ ва байнишаҳрӣ, ҷо ба ҷо намудан ва истифодаи телефонҳои квартираҳо, телефонҳои автомат, аз рӯи маҳалли чойгирифта ва анҷом додани гуфтугӯи телефоникӣ дар он ҷо телефон ҳо қарор доранд; пахши радио аз рӯи маҳалли ҷой грифтани нуқтаҳои радио ба ҳисоб гирифта мешаванд.

**Раёсати омори савдо ва хизматрасонӣ**